**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-029-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ФАЛСАФА**

**Парвандаи аттестатсионии №___**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 19 сентябри соли 2024, таҳти №2 барои сазовор донистани Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа.**

Диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи «Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа дар таърихи 24-уми июни соли 2024, суратмаҷлиси №28 аз ҷониби Шурои диссертатсионӣ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 феврали соли 2022 таҳти №38) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, соли 06.11.1992 таваллуд шудааст. Соли 2016 факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айниро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Аз соли 2019 то соли 2024 унвонҷӯи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ мебошад. Мавзуи рисолаи илмии Каримов Қиёмиддин дар Шурои олимони муассисаи мазкур таҳти рақами №8/6.2 аз 28.02.2020 тасдиқ карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Бердиев Шоҳназар Пирназарович** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна** – доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ.

**Давлатов Пулодҷон Нуралиевич** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, и.в. дотсент Қурбоншоев И.Ҷ. омода шуда, аз ҷониби мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ Шарофзода Э.У. ба имзо расидааст ва аз ҷониби ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Давлатзода Қ.Қ. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи "Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён" аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мебошад.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дар назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда дар асоси мутахассис аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа будан ва алоқаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич интихоб шудааст.

Каримов Қиёмиддин оид ба мавзуи диссертатсия 6 маводи илмӣ таҳия намудааст, ки аз он 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд:**

[1-М] Каримов Қ.С., Бердиев Ш.П. Нақши этикаи Сосониён дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон. [Матн]: *Каримов Қ.С., Бердиев Ш.П.* // Паёми донишгоҳи Хоруғ. - Хоруғ, 2023. -№4 (28). - Саҳ.92 -102.

[2-М] Каримов Қ.С. Фарҳангистони Гунди Шопур ва ҷойгоҳи он дар ташаккул ва рушди этикаи Сосониён. [Матн]: *Каримов Қ.С.* // Ахбори ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. - Душанбе, 2024. -№1.- Саҳ. 149 -155.

[3-М] Каримов Қ.С. Таҳқиқи масъалаҳои ахлоқӣ дар мероси хаттии аҳди Сосониён. [Матн]: *Каримов Қ.С.* // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. -№3. - Саҳ.112 -118.

[4-М] Каримов Қ.С. Ҳикмати ахлоқии “Корномаи Ардашери Бобак” [Матн]: *Каримов Қ.С.* // Маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ бахшида ба бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040), 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Душанбе, 22 апрели соли 2021). Душанбе, ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2021. - Саҳ 181-189.

[5-М] Каримов Қ.С. Этика Сасанидов: традиция и инновация [Матн]: *Каримов Қ.С.* // Конференсияи илмӣ-амалии байнимактабҳои олии “Философское осмысление проблем инновации в современном таджикском обществе”: Донишгоҳи Россия ва Тоҷикистон (Славянӣ), (Душанбе, 28 ноябряи соли 2023). – Душанбе, 2023. - Саҳ 111-116.

[6-М] Каримов Қ.С. Бозтоби ахлоқ ва баррасии масъалаҳоии ахлоқӣ дар ёдгориҳои хаттии замони Сосониён [Матн]: *Каримов Қ.С.* //Маводи Конференсияи илмӣ – назариявии байналмилалӣ: “Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ” бахшида ба 1800 солагии таъсисёбии давлати Сосониён (Душанбе, 26 апрели 2024). Душанбе, ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024. - Саҳ 242-246.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақриз навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

**Раҳматов Убайдулло** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, тақриз мусбат аст.

**Карамхудоев Шукрат** – доктори илмҳои фалсафа, и.в. профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, тақриз мусбат аст.

**Атоев Атоуло** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, тақриз мусбат аст.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферат воридгардида мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти ҷузъӣ дошта ва пешниҳодҳо манзур шудаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

- ҷойгоҳ ва мавқеи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён ва арзишҳои он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, коркард карда шудаанд;

- **исбот карда шуд**, ки дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ давлати Сосониён аввалан аз зумраи давлатҳое мебошад, ки низоми идоракуниро дар доираи принсипи дунявият ва ҷоридошти адолати иҷтимоӣ ба роҳ монда, давлати пуриқтидор ва мутамаркази ягонаро ташкил додаанд;

- **қайд карда мешавад,** ки этикаи давраи Сосониён беҳтарин арзишҳои ахлоқии инсониро дар худ таҷассум намудааст, ки мавзуи меҳварии онро ба таври маҷмуӣ се рукни ахлоқии зардуштия: пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек, ки муқобили амалҳои нописандида: - пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бад қарор мегиранд, ташкил медиҳад;

- **пешниҳод карда мешавад,** ки татбиқи принсипҳои адолат, риояи баробарии иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои мардум, новобаста аз мансубият ба халқият, нажод, ҷинс, дин ба подшоҳони сосонӣ имконият фароҳам овард, ки як давлати воҳид, пуриқтидор ва аз як марказ идорашавандаро таъсис дода, барои рушди тамаддун ва фарҳанги миллии мо заминаҳои устувор гузоранд;

- **муайян карда шуд,** ки "Корномаи Ардашери Бобакон" ҳамчун сарчашмаи муътамади таърихӣ ва ахлоқии аҳди Сосониён мавриди омӯзиш ва таҳқиқи амиқи фалсафӣ ба ҳисоб меравад. Дар мероси хаттии мазкур доир ба таърихи подшоҳии нахустин шоҳи сосонӣ Ардашери 1 (224-241), пирӯзии вай бар Ардавон (213-224) ва дигар шаҳриёрони Эрон, муттаҳид сохтани кишвар ба як давлати пуриқтидор маълумот дода мешавад. Аз ин рӯ, корномаи мазкур ёдгории хаттии хусусияти асотиридошта набуда, балки он инъикоскунандаи воқеияти замон аст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ, хулосаю тавсияҳои амалии бадастомадаро метавон ҳангоми мушаххас кардани заминаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ-сиёсии ташаккул ва таҳаввули ахлоқ ҳамчун шохаи илми амалӣ ба таври васеъ истифода намуд. Дар замони имрӯза низ низоми давлатдории миллии мо дар заминаи фарҳанги волои ҷомеадорӣ, адлгустарӣ, инсонмеҳварӣ, башардӯстонаи гузаштагони худ якҷоя бо омезиш додани арзишҳои ҷомеадории муосир ба роҳ монда шудааст.

Дар диссертатсия муаллиф ақида дар бораи он, ки эҳёи расму оин ва ҷашну маросимҳои ҷавҳари ахлоқидошта барои ташаккули ҷаҳонбинии ахлоқии насли наврас ва ҷавон, худогоҳию худшиносӣ, тақвияти ҳувияти миллии онҳо, рушд ва муаррифии арзишҳои фарҳанги миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва аз байн рафтани тамаддунҳо зарур ва тақозои талаботи замон мебошанд, баён кардаанд.

Муҳаббат ба ватан, ҳисси масъулиятшиносӣ, садоқат ба касб, ҳимояи марзу бум, эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти миллӣ, эҳёи арзишҳои фарҳангӣ ва ғайра аз унсурҳои муҳимми давлатсозӣ ба ҳисоб меравaнд, ки онҳоро аз қадим, хусусан дар аҳди Сосониён мардуми тоҷик тарғибу ташвиқ мекарданд. Ин идеяҳои ватандорӣ бояд дар шароити пуртаззоди муосир баҳри пойдории давлат ва амну суботи он идеали асосии шаҳрвандон қарор гиранд, муайян карда шудаанд.

**Омӯхта шудааст**, ки дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлилу муқоисаи андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, ки бевосита ба мавзуи мазкур дахл доранд, таҳқиқотҳои анҷомдодашударо ба чаҳор гурӯҳ ҷудо мекунанд. аврупоӣ ва рус, ки вобаста ба соҳаҳои гуногун ба таҳқиқи фалсафаи

зардуштия ва масъалаҳои ахлоқии давраи Сосониён бахшида шудаанд. Асарҳои олимони аврупоӣ ва рус ба мисли Бартолд В.В., Брагинский И.С., Бертелс Е.А., Бойс Мэри, Грантовский Э.Н., Гладиш А., Дюжен-Гийемен Ж., Кристенсен А., Келленс Ч., Кройтсер Ф., Нейнберг Х.С., Нитше Ф., Струве В.В., Ҳенинг В., Ҳумбах Ҳ., Фрай Ричард арзишмандтарин ба ҳисоб меравад.Таҳқиқоти муҳаққиқони эронӣ ва тоҷик Аббоси Меҳрин, Пури Довуд, Меҳрдоди Меҳрин, Ҳошими Разӣ, Муҳаммад Муин, Қ.Ҷомосп, Ф.Ҷӯнайдӣ, Ҷ.Дӯстхоҳ, А.Ҷаъфарӣ Б.Ғафуров, М.Диноршоев, Ҳ.Муъминзода, Ю.Яқубов, И.Умарзода, М.Музаффарӣ, Ш.Абдуллоев, К.Бекзода, Н.Яздон, А.Шохуморов ва асарҳои бунёдии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон “Тоҷикон дар оинаи таърих”, “Аз ориён то Сомониён”, “Чеҳраҳои мондагор”, “Забони миллат - ҳастии миллат” ва ғайра барои насли ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон гаронбаҳо мебошанд.

**Пешниҳод гардид**, ки тавсифи мафҳуми ахлоқ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ мавзуи меҳварии мероси хаттии бостонии мардуми тоҷику форс мебошад. Аз ин рӯ, ин осории хаттӣ на танҳо барои подшоҳон ҷиҳати бо адл ороста доштани кишвар, назму насақи давлатдорӣ ҳамчун дастурамал хизмат мекунанд, инчунин, ин ёдгориҳои арзишманди меросмонда барои ташаккули ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони марҳилаҳои баъдина, таҳияи рисолаву асарҳои илмӣ-фалсафӣ, ахлоқӣ ва сиёсати давлатдорӣ ба сифати сарчашмаи муътамад, нақш бозидаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки эътимоднокӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои илмии бадастомада бо заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи шумораи зиёди сарчашмаҳои илман асоснокгардида, бо усули муносибати муназзам, инчунин бо таҳлили шароитҳои объекти таҳқиқот, маҷмуи методҳои фаҳмиши ратсионалии фалсафаи амалӣ, методҳои умумии маърифати илмӣ, таърихӣ, системавӣ, таҳлили муқоисавӣ бо истифода аз методи герменевтика муайян мегардад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, ҳамчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия ифода меёбад. Диссертант дар тасниф ва таҳқиқи ҷобаҷогузории мавод дар бобҳо, коркарди маълумоти бадастомада ва таҳлили натиҷаҳо, ҷамъбасту хулосабарориҳо бо сабки баёни фаҳмо ва мушаххас саҳм гузоштааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 4 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар

ҳайати умумии Шуро, овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа., профессор** **Маҳмадизода Н.Д.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа** **Ҳаитов Ф.Қ.**

19 сентябри соли 2024